*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №151 (2978) | ПАНҶШАНБЕ, 13 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|

## ШОМИЛ ШУДАН БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО ЯКЕ АЗ ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ВА МАНТИҚАН ДУРУСТИ ГУЗАРИШИ КИШВАРИ МО БА ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ БА ҲИСОБ МЕРАВАД

### Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

*Швейтсария, 10 декабри соли 2012*




**Муҳтарам Раиси Шӯро!**

**Муҳтарам намояндагони кишварҳои аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳое ба вуқуъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда доранд.

Имрӯз, 10 декабри соли 2012, яъне санаи дохилшавии кишвари мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимест, ки бевосита ба рушди минбаъдаи устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад.

Аз фурсати муносиб истифода карда, мехоҳам ба дӯстон ва шарикони ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон, ки моро дар раванди дуру дароз ва мушкили воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳамроҳӣ карданд, миннатдории самимии худро баён намоям.

Ман инчунин ба Котиботи созмон таҳти роҳбарии директори генералии он ҷаноби Паскал Лами барои дастгирии пайвасташон изҳори сипос менамоям. Дар баробари ин арзи сипоси мардуми тоҷикро барои дастгирии беғаразонаи молиявию техникӣ ба кишварҳои донор ва созмонҳои байналмилалӣ расониданӣ ҳастам.

Маҳз бо кӯмаку дастгирии шумо мо тавонистем низоми тиҷорати худро бо қоидаҳои байналмилалии савдо мутобиқ намоем ва ба идомаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти мазкур умедвор ҳастем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 11 сол муқаддам барои шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дархост пешниҳод намуда буд.

Гумон мекунам, ки ин яке аз қадамҳои устувор ва мантиқан дурусти гузариши кишвари мо ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин муддат аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади ба талаботи меъёрҳо ва қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқ намудани қонунгузории мамлакат як силсила корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд.

Узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои мардуми кишвар ва Ҳукумати Тоҷикистон ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Принсипҳои созмони мазкур, махсусан доир ба эҳтироми ҳуқуқҳои ҳамдигар ва таъмини шаффофияти муносибатҳо ба принсипҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳамсон мебошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон дорои иродаи қавии сиёсии гузариш ба иқтисоди бозориест, ки он ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамаҷониба ҳамоҳангу созгор бошад.

Ислоҳотеро, ки то имрӯз бо мусоидати Котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мо дар соҳаҳои қонунгузорӣ ва иқтисодиёти кишвар бо мақсади ҳамгироӣ ба низоми бисёрҷонибаи савдо анҷом додем, ба кишвари мо имконият фароҳам овард, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ба низоми тиҷорати глобалӣ дилпурона ворид гардем.

Иқдомоти мазкур барои тиҷорати дохиливу хориҷӣ муҳити озод, шаффоф ва ғайридискриминатсиониро фароҳам меоранд.

Ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба бандарҳои баҳрӣ бевосита роҳи баромад надорад, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошанд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва азнавсозӣ идома ёфта истодааст, ки мақсад аз татбиқи онҳо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

Раванди воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадафҳо яке аз воситаҳои муҳим буд.

Ин раванд ба Тоҷикистон имкон дод, ки таҷриба ва қоидаҳои дар ҷаҳон эътирофшудаи савдои байналмилалиро татбиқ намояд ва иқтидори институтсионалии кишварро афзун созад.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки мо раванди воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро ҳамчун оғози марҳилаи тӯлонии дарпешистода меҳисобем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари аъзо минбаъд ӯҳдадориҳои гирифтаашро ба ҷо оварда, муқарраротеро, ки аз талаботи ин созмони бонуфуз бармеоянд, пурра риоя хоҳад кард ва дар фаъолияти ҳамарӯзаи он самаранок иштирок хоҳад намуд.

Инчунин кишвари мо интизори ҳамкории судманд бо дигар аъзои он буда, муносибатҳои худро бо ин созмони ҷаҳонӣ густариш хоҳад бахшид.

Бо итминони комил зикр месозам, ки Тоҷикистон узвияти худро ҳамчун воситаи таъмини рушди минбаъдаи иқтисод ва ояндаи неки мардуми кишвар истифода хоҳад кард.

Дар ин самт аллакай як қатор тадбирҳо пешбинӣ гардидаанд ва мо ният дорем соли 2013 оид ба масъалаҳои сармоягузорӣ ва савдо конфронсе баргузор намоем, ки он самараҳои мусбати иқтисоди бозорӣ дар кишварро тақвият бахшида, ба ҷаҳониён хабари омодагии доимии моро ба ҳамкории иқтисодӣ хоҳад расонид.

Дар баробари ин, бояд зикр сохт, ки бо дарназардошти шартҳои дар ҳуҷҷатҳои роҷеъ ба масъалаҳои воридшавӣ дарҷгардида Тоҷикистон узвияти худро дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо бесаброна интизор буд ва дар ин замина ислоҳоти иқтисодиро идома хоҳад дод.

Ҳукумати Тоҷикистон сафари намояндагони Котиботи созмонро ба мамлакати мо, ки дар ҷараёни он меҳмонон назари худро оид ба маҷмуи ҳуҷҷатҳои воридшавӣ пешниҳод намудаанд, муҳим арзёбӣ менамояд.

Мехоҳам таъкид созам, ки ҳуҷҷатҳои воридшавӣ дар маҷмуъ ҷавобгӯйи манфиатҳои рушди мамлакат мебошанд.

Дар охир қайд карданиам, ки ҳамкории зич бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҳамроҳшавӣ ба низоми савдои бисёрҷониба барои иқтисоди рушдкунандаи Тоҷикистон ҳаётан муҳим аст.

Қабули қарор дар асоси ризоияти умум яке аз хусусиятҳои фарққунанда ва асоси пойдории Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад.

Ман аз номи худ ва мардуми тоҷик ба ҳамаи аъзои созмон барои дастгирии якдилонаи Тоҷикистон дар раванди воридшавии он миннатдорӣ баён менамоям.

**Ташаккур!**







## Мулоқот бо директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами

**10 декабри соли 2012 дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами мулоқоти хоса анҷом дод.**

Дар оғози суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Паскал Лами, Котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва ҳамаи сохторҳою шахсоне, ки дар раванди воридшавии Тоҷикистон ба ин созмон иштироки фаъол доштанд, арзи сипос карда, бо хушнудӣ изҳор дошт: «воридшавии кишвари мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оғози марҳилаи нави созандагӣ ва идомаи ислоҳоти конструктивӣ дар тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар такмил додани низоми тиҷорати озоду шаффоф мебошад».

Ҷонибҳо аз ҳамкории судманди дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуда, густариши робитаҳои Тоҷикистонро бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар рушду инкишофи минбаъдаи иқтисоди кишвар муҳиму муассир арзёбӣ карданд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон узвият ба ин созмони бонуфузро ҳамчун имконоти фарох барои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум самаранок истифода мекунад».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид дошт: «Мо умедворем, ки дар оянда низ Тоҷикистон аз машварату маслиҳатҳои пайвастаи Котиботи созмон истифода намуда, аз дастгирии пайвастаи он дар ин самти басо муҳим баҳравар мегардад».

Директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами Сарвари давлати Тоҷикистонро бо ин рӯйдоди фараҳбахш табрику таҳният гуфта, воридшавӣ ба ин созмонро барои Тоҷикистон оғози марҳилаи нави рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ номид ва изҳор дошт, ки мо омодаем дар дигар соҳаҳо низ ба Тоҷикистон кӯмак ва мусоидат намоем. Паскал Лами иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар маросими воридшавии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо нишонаи таваҷҷуҳи хосаи ӯ ба ин раванд ва ба таъмини рушди бонизоми иқтисодиёти кишвар маънидод кард.

Дар охир Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами даъват намуд, ки ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф биёрад. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд.

*www.prezident.tj*



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**12 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

«Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳотҳои Яхак-Юст ва Самсолиқи ноҳияи Нуробод», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Турсунзода», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ва Шаҳристони вилояти Суғд», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвони вилояти Хатлон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Эҳсонов Н.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Зоиров Ш.Ю.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум».

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қарорҳо қабул ва масъалаҳои номбурдаро ҷиҳати баррасӣ ба Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Ҳамзамон Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардид.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

# Суҳбати Сарвари давлат бо ноиби президенти Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 11 декабри соли ҷорӣ ноиби президенти Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ Киёши Кодераро ба ҳузур пазируфт.**



Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Япония баррасӣ шуд. Бо қаноатмандӣ ёдоварӣ шуд, ки тайи солҳои шарикии дуҷониба аз ҷониби Япония барои дастгирии рушди босуботи Тоҷикистон дар ҳаҷми 295 миллион доллари амрикоӣ грант ва кӯмаки техникӣ ҷудо шудааст.

Ҳоло бо дастгирии молиявию техникии Япония лоиҳаҳои зиёд дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва обтаъминкунии Тоҷикистон босамар татбиқ мегардад.

Киёши Кодера изҳор дошт, ки Япония минбаъд низ дастгирии васеи худро аз рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва иқдомоти дигари худ дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон идома хоҳад дод.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

# Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шомил шуд




**Бегоҳии рӯзи 10 декабри соли 2012 дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як рӯйдоди муҳими таърихӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар ҷаласаи Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария баргузор гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфта шуд.**

Дар ҷаласаи мазкур ҳайати расмии Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзиданд.

Дар оғози ҷаласа Шӯрои генералии Созмони Умиҷаҳонии Савдо аз қабули се ҳуҷҷати муҳим - лоиҳаи Протокол оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, қарори Шӯро оид ба ҳамроҳшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба воридшавии Тоҷикистон ба созмони мазкур ёдовар шуда, ин рӯйдоди муҳиму фараҳбахшро барои Тоҷикистон шодбош гуфтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо суханронӣ намуда, санаи дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳим ва мусоидаткунанда ба рушди минбаъдаи устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа маънидод намуд.

Сарвари давлат бо истифода аз фурсати муносиб ба дӯстон ва шариконі ҳамкори иқтисодии Тоҷикистон, ки дар раванди дуру дароз ва мушкили воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамроҳӣ карданд, миннатдории самимии худро баён намуда, ба Котиботи созмон таҳти роҳбарии директори генералии он ҷаноби Паскал Лами барои дастгирии пайвастаашон изҳори сипос кард.

Сарвари давлат ҳамчунин барои дастгирии беғаразонаи молиявию техникӣ ба кишварҳои донор ва созмонҳои байналмилалӣ сипоси мардуми тоҷикро расонида, аз ҷумла таъкид намуд, ки: «Маҳз бо кӯмаку дастгирии шумо мо тавонистем низоми тиҷорати худро бо қоидаҳои байналмилалии савдо мутобиқ намоем ва ба идомаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти мазкур умедвор ҳастем».

- Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 11 сол муқаддам барои шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дархост пешниҳод карда буд, - таъкид намуд Сарвари давлат ва афзуд: «Гумон мекунам, ки ин яке аз қадамҳои устувор ва мантиқан дурусти гузариши кишвари мо ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла изҳор дошт, ки узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои мардуми мамлакат ва Ҳукумати Тоҷикистон ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Принсипҳои созмони мазкур, махсусан доир ба эҳтироми ҳуқуқҳои ҳамдигар ва таъмини шаффофияти муносибатҳо ба принсипҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳамсон мебошанд.

Президенти мамлакат ҳамчунин зикр намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иродаи қавии сиёсии гузариш ба иқтисоди бозориест, ки он ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамаҷониба ҳамоҳангу созгор бошад.

- Ислоҳотеро, ки то имрӯз бо мусоидати Котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мо дар соҳаҳои қонунгузорӣ ва иқтисодиёти мамлакат бо мақсади ҳамгироӣ ба низоми бисёрҷонибаи савдо анҷом додем, ба кишвари мо имконият фароҳам овард, ки ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ба низоми тиҷорати глобалӣ дилпурона ворид гардем -гуфт Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва таъкид дошт, ки: «Ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба бандарҳои баҳрӣ бевосита роҳи баромад надорад, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошанд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва азнавсозӣ идома ёфта истодааст, ки мақсад аз татбиқи онҳо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад».

Ба андешаи Сарвари давлат раванди воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадафҳо яке аз воситаҳои муҳим буд.

Ин раванд ба Тоҷикистон имкон дод, ки таҷриба ва қоидаҳои дар ҷаҳон эътирофшудаи савдои байналмилалиро татбиқ намояд ва иқтидори институтсионалии кишварро афзун созад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон раванди воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро ҳамчун оғози марҳилаи тӯлонии дарпешистода арзёбӣ намуд ва афзуд, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари аъзо минбаъд уҳдадориҳои гирифтаашро ба ҷо оварда, муқарраротеро, ки аз талаботи ин созмони бонуфуз бармеоянд, пурра риоя хоҳад кард ва дар фаъолияти ҳамарӯзаи он самаранок иштирок хоҳад намуд».

Сарвари давлат аз густариши ҳамкориҳо бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар аъзои он изҳори ҳавасмандӣ карда, бо итминони комил зикр намуд, ки: «Тоҷикистон узвияти худро ҳамчун воситаи таъмини рушди минбаъдаи иқтисод ва оянда неки мардуми кишвар истифода хоҳад кард».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар охир ҳамкории зич бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҳамроҳшавӣ ба низоми савдои бисёрҷонибаро барои иқтисоди рушдкунандаи Тоҷикистон ҳаётан муҳим арзёбӣ карда, аз номи худ ва мардуми тоҷик ба ҳамаи аъзои созмон барои дастгирии якдилонаи Тоҷикистон дар раванди воридшавии он миннатдорӣ баён намуд.

Сипас, директори генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами аз пазируфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти созмони мазкур изҳори қаноатмандӣ намуда, афзуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили корҳо оид ба дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони бонуфуз пояи ташкилиро дар сатҳи зарурӣ муҳайё сохт. Паскал Лами, аз ҷумла қайд намуд, ки Тоҷикистон бо воридшавии худ ба созмони мазкур барои рушди минбаъда ва густариши тиҷорату савдои байналмилалӣ роҳ кушод.

Дар маросими дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳамчунин намояндагон аз тамоми кишварҳои аъзо, давлатҳои нозир ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ширкат намуда, аз шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо изҳори ҳавасмандӣ карданд.

Аз ҷумла намояндагони кишварҳои аъзо аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Корея, Арабистони Саудӣ, Қирғизистон, Ҷумҳурии Доминикан, Швейтсария, Украина, Туркия, Япония, Парагвай, Бангладеш ва ғайра аз фаъолияти ҳайати кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони мазкур ва ҳамшарикӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба ин рӯйдоди муҳим табрик гуфтанд.

Иштирокчиёни ҷаласаи Шӯро оид ба рушду густариши ҳамкориҳо байни кишварҳои аъзо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назар карда, аз таҳкими муносибатҳои ҳамкорӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дар анҷоми ҷаласаи Шӯрои генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо маросими имзои Протокол оид ба дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо баргузор шуд, ки ба он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва директории генералии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо Паскал Лами имзо гузоштанд.

*www.prezident.tj*

# Мулоқоти Президент бо ноиби директори минтақавии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид

**Нимаи дуюми рӯзи 11 декабри соли ҷорӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ноиби директори минтақавии Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) Ҷаҳан Султаноглуро ба ҳузур пазируфт.**



Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид, қабл аз ҳама бо Барномаи рушди он, баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба татбиқи босамари чорабиниҳои бахшида ба «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва иқдоми ҷаҳонии «Энергияи устувор барои ҳама» зоҳир гардид.

Бо таваҷҷуҳи хоса ба масоили омодагӣ ба Конфронси байналмилалӣ доир ба об, ки таҳти васоёи Созмони Милали Муттаҳид моҳи августи соли оянда дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, изҳори боварӣ карда шуд, ки ин чорабинии муҳим ба ҳалли мушкилоти глобалӣ дар ин соҳа такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

# Натиҷаи барӯйхатгирӣ аз даҳ ҷилд иборат мешавад

Дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ҷамъомади навбатӣ баргузор гардид.

Директори Агентӣ Б.З. Муҳаммадиева зимни сухани ифтитоҳӣ ёдовар гардид, ки барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 19 майи соли 2009 таҳти №523 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2009 таҳти № 685 «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2010» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 то 30 сентябри соли 2010 гузаронида шуд. Ба ин маърака 34 ҳазору 400 нафар ҷалб шуда буд. Алҳол натиҷаҳои барӯйхатгирӣ дар панҷ ҷилд омодаю нашр ва ба вазорату идораҳо барои истифода ирсол гардидааст. Умуман, маълумоти пурра дар даҳ ҷилд гирд оварда, нашр карда мешавад.

Сипас, сардори Раёсати барӯйхатгирии аҳолии Агентӣ Зебо Исмоилова маълумотномаи муфассалро оид ба натиҷаҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ба ҳозирин пешкаш кард. Дар маълумотномаи мазкур, аз ҷумла омадааст, ки ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 142,6 ҳазор км$^2$, аз он ҷумла ВМКБ – 64,1 ҳазор км$^2$; вилояти Суғд - 25,2 ҳазор км$^2$; вилояти Хатлон – 24,7 ҳазор км$^2$; шаҳри Душанбе – 0,1 ҳазор км$^2$ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 28,5 ҳазор км$^2$-ро ташкил мекунад.

Шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010) ба 7564,5 ҳазор нафар расидааст.

Дар давоми даҳ сол, пас аз барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум, аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1437,0 ҳазор нафар (23,5 фоиз) зиёд шудааст.

Ҳамчунин дар маълумотнома доир ба суръати афзоиши аҳолӣ,таносуби шумораи аҳолии шаҳру деҳот ва ҷойгиршавии онҳо, сохтор ва сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, шумора ва ҳайати хонавода маълумоти муфассал пешниҳод гардидааст.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# Ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд густариш меёбад

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*ш. Душанбе, 11 декабри соли 2012*

**Муҳтарам аъзои Шӯро!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо назардошти он ки ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи имрӯзаи Шӯрои миллии рушдро баррасӣ намудем, ҳоло мехоҳам фикру мулоҳизаҳои худро нисбат ба мавзуъҳои баррасишаванда иброз намоям.

Соли сипаришаванда барои мардуми мо соли як силсила рӯйдодҳои таърихию хотирмон буд.

Дар ин сол ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва Ваҳдати миллӣ бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардиданд. Инчунин ворид шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо аҳамияти хосаеро доро мебошад.

Ин бори дигар собит намуд, ки нодиртарин дастоварди мардуми мо дар даврони истиқлолияти давлатӣ маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот аст, ки заминаи муътамади сарбаландӣ ва ифтихори миллати куҳанбунёдамон дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳукумати мамлакат пайваста талош дорад, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ барои таъмини суботи иҷтимоӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар тадбирҳои мушаххас андешад. Бо ин мақсад ислоҳот дар тамоми самтҳои иқтисоди мамлакат бомаром ҷараён дорад. Гузашта аз ин, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар якчанд омилҳои асосӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Пеш аз ҳама татбиқи афзалиятҳои миллӣ, ки тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи дарозмуҳлат муайян гардидаанд, аҳамияти хоса дорад. Татбиқи самараноки ин афзалиятҳо, ки таҳкими идоракунии давлатӣ, рушди устувор ва диверсификатсияи иқтисодиёт, ҳамчунин рушди неруи инсониро фаро мегиранд, суботи иқтисодӣ ва рушди кишварро дар маҷмуъ таъмин менамоянд.

Дар баробари ин, бояд дар бахшҳои воқеии иқтисодиёти кишвар бо истифода аз технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ истеҳсоли маҳсулоти ватании рақобатпазир таъмин гардида, ҳамзамон бо ин, таносуби манфии содиротию воридотии кишвар ба тавозуни мусбат табдил дода шавад.

Албатта, ба эътибор гирифтани таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар, бахусус буҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва ноустувории вазъи бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ низ дар таъмини суботи иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, таҳияи механизму фишангҳои самараноки иқтисодие, ки ба чунин омилҳои беруна ҳассос буда, иқтисоди миллиро аз таъсири манфии онҳо эмин нигоҳ медоранд, ниҳоят зарур мебошад.

Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни татбиқи ислоҳоти иқтисодию дигаргунсозиҳои бозорӣ ва рушди мунтазами иқтисодӣ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ҳамкориҳои судманди моро бо тамоми шарикони рушд густариш бахшиданд. Натиҷаи ин ҳамкориҳост, ки дирӯз Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ворид гардид.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар ҷаласаи имрӯза мо аз натиҷаҳои ду стратегияи миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки мутаносибан аз соли 2007 то имрӯзро дар бар гирифтаанд, маълумот гирифтем.

Қобили зикр аст, ки тайи ин солҳо Ҳукумати мамлакат дар муносибати судманд бо Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, алалхусус дар самти баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Ҳамзамон бо ин, дар самтҳои афзалиятноки соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус маорифу тандурустӣ ва дастрасӣ ба оби тоза кори зиёд анҷом дода шуд ва шарикони рушд низ ба ин соҳаҳо дар давраи сипаригардида таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд.

Шумо хуб огоҳ ҳастед, ки бо вуҷуди мушкилиҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ Ҳукумати мамлакат сиёсати мақсадноки иқтисодиро пеш гирифт, ки муҳтавои асосии он аз ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ иборат буда, бо ин мақсад ислоҳоти иқтисодӣ пай дар пай татбиқ гардида истодааст.

Бояд зикр намуд, ки соли 2012, сарфи назар аз буҳрони идомаёбанда дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва дигар омилҳои берунаи манфӣ, ҷараёни дигаргунсозиҳо ҷиҳати беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, дастрасӣ ба бозорҳои молӣ идома дода, суботи макроиқтисодӣ дар кишвар нигоҳ дошта шуд. Тамоюли нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар соли ҷорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин хоҳад гашт. Суръати баланди барқарорсозӣ ва рушди босуботи иқтисодиёт тайи солҳои охир имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ таври назаррас коҳиш дода шавад. Чунонки медонед, тайи даҳсолаи охир сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 то 42 фоиз коҳиш дода шуд.

Таҳлилҳо вобаста ба дурнамои рушди иқтисоди миллӣ бароиояндаи миёнамуҳлат то солҳои 2015 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки зимни татбиқи афзалиятҳои миллии рушд дар мамлакат табақаи миёнаҳоли аҳолӣ бартарӣ пайдо хоҳад кард.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Суботи иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди устувор дар минтақа имрӯз аз бисёр ҷиҳат аз вазъи Афғонистон вобаста аст. Тақвият додани раванди кӯмак ба истиқрори сулҳу амният ва барқарорсозии иқтисодӣ дар ин кишвар дар робита ба хориҷ шудани неруҳои эътилофи байналмилалӣ дар соли 2014 хеле муҳим мебошад.

Тавре маълум аст, моҳи марти соли ҷорӣ дар Душанбе Конфронси 5-уми байналмилалии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA-5) баргузор гардида буд. Дар ҷараёни Конфронс иштирокдорони он зарур донистанд, ки силсилаи ислоҳоти густурдаи маъмурӣ ва ибтикороти фаромарзии иқтисодӣ, аз ҷумла ҷиҳати беҳтарсозии қоидаҳои гумрукӣ ва имзои Созишномаи минтақавии транзитӣ баҳри пешрафти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ амалӣ гардад. Инчунин лоиҳаҳои гуногуни соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла дар бахшҳои гидроэнергетика ва нақлиёт, муаррифӣ гардиданд.

Ба назари мо, татбиқи амалии ин лоиҳаву барномаҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ҷонибдори тадбирҳое мебошад, ки ба хотири мусоидат ба сулҳу амнияти Афғонистон амалӣ карда мешаванд.

Вобаста ба масъалаи мубориза бо терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ бояд гуфт, ки он яке аз ҳадафҳои бузурги минтақавиест, ки бояд ҳамаҷониба пуштибонӣ ёбад. Ҳамкории зичу судманди ҳамаи кишварҳо дар ин арсаи муҳим имконияти саҳм гузоштанро дар муборизаи умумӣ бар зидди ин хатарҳои глобалӣ фароҳам оварда, ба таҳкими амнияти умумӣ мусоидати муассир менамояд.

Ҳаводиси охири дар иқтисоди ҷаҳонӣ бавуқуъпайваста бори дигар он ҳақиқатро собит месозад, ки ҷаҳони муосир ниҳоят тағйирёбанда буда, барои нигоҳ доштани мавқеи устувор дар он Ҳукумати мамлакат бояд сиёсати иқтисодиву иҷтимоии худро бо назардошти таъсири омилҳои беруна пеш бурда, самтҳои осебпазири иқтисодиётро пайваста ташхис намояд ва камбуду норасоиҳои бамиёномадаро бартараф созад. Маҳз аз ин хотир, мо таъмини амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилиро аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии худ қарор додаем.

Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда, дар бозори истеъмолӣ ҳанӯз ҳам зуҳуроти сунъие арзи вуҷуд доранд, ки дар фазои иқтисодии мамлакат мушкилиҳо эҷод менамоянд. Бахусус, афзоиши нархи маводи ғизоиву сӯзишворӣ ва эҷоди монеаҳои сунъӣ дар интиқоли маводи ниёзи мардум тавассути роҳи оҳан ба суботи бозори истеъмолӣ ва ҳолати иҷтимоӣ дар кишвар халал ворид менамояд.

Дар баробари ин, тамоюли баландшавии нархи маводи озуқа дар миқёси ҷаҳонӣ таъмини амнияти озуқавории кишварро мушкил мегардонад ва ҳанӯз ҳам он ҳамчун масъалаи ҷиддӣ ва ҳалталаб боқӣ мемонад. Махсусан қайд карданиам, ки Тоҷикистон дорои имкониятҳои воқеӣ ва захиравии таъминкунандаи гузариш ба рушди устувор, аз қабили захираҳои фаровони гидроэнергетикӣ ва оби тоза мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо ба нафъи кишварҳои минтақа хоҳад буд.

Ҳалли мушкилоти марбут ба энергетика, мисли пештара, ба ҳайси муҳимтарин масъалаҳои рушди устувори кишвар боқӣ мемонад.

Зарурати ҳаётии инкишофи гидроэнергетика, ки аз як ҷониб, аз захираҳои бузурги ин неруи таҷдидшавандаи аз лиҳози экологӣ тоза маншаъ мегирад, аз ҷониби дигар, ба норасоии захираҳои нафту газ дар кишвар иртибот дорад. Беҳуда нест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Барномаи Созмони Милали Муттаҳид «Энергияи устувор барои ҳама» чун дар Барномаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҳамчун кишвари пилотӣ пазируфта шудааст.

Илова ба ин мушкилот, масъалаи дар бунбасти нақлиётиву коммуникатсионӣ қарор доштани Тоҷикистон дар роҳи рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд, ки онро ба баҳр роҳи баромад надоштани кишвар дучанд мегардонад. Инчунин обанборҳои иншооти гидроэнергетикӣ дар минтақаи кӯҳсор танзими бисёрсола ва мавсимии ҷараёни дарёҳоро ба ҷо меоранд ва дар натиҷа чунин ҳолатҳои фавқулоддаи гидрологӣ, аз қабили селу обхезӣ ва таъсири хушксолӣ пешгирӣ карда мешаванд.

Шароити барои рушди кишоварзӣ мусоид, инфрасохтори рушдёбанда, эҳёи Шоҳроҳи Абрешим, мавҷудияти қувваи арзони корӣ ва суботи сиёсиву ҷамъиятии Тоҷикистон барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ заминаи боэътимод хоҳад буд.

Бинобар ин, Ҳукумати кишвар талош дорад, ки ҷиҳати ҳалли масоили вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ, тавассути дастгирии бахши кишоварзӣ ва соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳавасманд гардонидани кишоварзон барои истифодаи самараноки захираҳои обу замини кишвар тадбирҳои мушаххас андешад.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат мунтазам талош хоҳад кард, ки сарфи назар аз ҳолати ноустувори иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва заиф гардидани механизмҳои идоракунӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва низоми молиявии он, суботи иқтисодиро дар кишвар таъмин намуда, ҷиҳати беҳдошти зиндагии аҳолӣ ва афзоиши синфи миёнаи аҳолӣ ва табақаи дорои сатҳи зиндагии миёна заминаи боэътимод фароҳам созад.

Аз ин лиҳоз, итминони комил дорем, ки саҳми ҳар як фарди кишвар дар ҳалли масоили вобаста ба татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои муайянгардида афзуда, иштироки онҳо дар раванди таъмини рушд ва ҳамзамон бо ин, баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат пайваста фаъол мегардад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҷадиди навсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ қарор дорад. Ҳуҷҷате, ки имрӯз дар ҷаласа муҳокима гардид, дар доираи Стратегияи миллии рушди мамлакат то соли 2015 дарояндаи миёнамуҳлат стратегияи ниҳоӣ мебошад.

Дар доираи натиҷаҳои татбиқи он Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҳуҷҷати нави стратегии рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварро барои давраи дарозмуҳлат таҳия намояд.

Итминон дорам, ки дар раванди татбиқи стратегияи мазкур ва таҳияи ҳуҷҷати навбатии стратегӣ, ки самтҳо ва афзалиятҳои рушдро бароиояндаи дарозмуҳлат муайян менамояд, нақши шарикони рушди Тоҷикистон назаррас хоҳад буд.

Бо ҳамин ниятҳои нек ба ҳар яки шумо барори кору сарбаландӣ орзу менамоям.

**Сарбаланду саломат бошед!**

# Ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон





**Ёздаҳуми декабри соли 2012 дар бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии рушд баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушд аъзои Шӯро, аз ҷумла Сарвазири кишвар, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, роҳбарони вазорату идораҳои бахшҳои иқтисод, молия, сармоягузорӣ, адлия ва ҳамчунин роҳбарони дигар вазорату идораҳои масъул ширкат намуданд. Дар ин ҷаласа, ҳамчунин шумораи зиёди шарикони хориҷии рушди Тоҷикистон, аз ҷумла ноиби директори минтақавии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва ИДМ Ҷаҳан Султаноглу, ноиби президенти Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ Киёши Кодера, директори бахши Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба Осиёи Марказӣ ва Муғулистон Масару Хонма ва дигарон ширкати фаъол доштанд.

Дар ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии рушд ҷараёни татбиқи Стратегияи миллии рушд, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012, санади дигари ба тозагӣ маъқулдонистаи Ҳукумати Тоҷикистон – Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва саҳми шарикони байналмилалии рушд дар ин раванд муҳокима гардид.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шӯрои миллии рушдро ифтитоҳ намуда, нахуст бо хушнудӣ аз қабул шудани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мужда расонид ва бори дигар ба роҳбарият ва ҳамаи сохторҳои дахлдори ин созмон ва кулли давлатҳои ҷаҳон, ки Тоҷикистонро дар раванди 11-солаи омодашавӣ ба ин кор дастгирӣ намуданд, арзи сипос кард. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин аз дастгирии самимӣ ва таманниёти неки намояндагони давлатҳои зиёди ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои абарқудрати ҷаҳон, дар маросими қабули Тоҷикистон ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ёдовар шуда, ба онҳо низ изҳори сипос кард.

Дар сухани ифтитоҳии худ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон натиҷагирӣ аз татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 ва хулосабарорӣ барои татбиқи босамари Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 – ро ҳадафи асосии ҷаласаи имрӯзаи Шӯрои миллии рушд номид. Дар сатҳи на кам аз 7 фоиз таъмин гардидани рушди иқтисоди миллӣ тӯли солҳои 2010-2012 яке аз натиҷаҳои назаррас дар ин давра маънидод гардид.

Дар қисмати ифтитоҳии ҷаласа, ҳамчунин ноиби директори минтақавии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои Аврупои Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва ИДМ Ҷаҳан Султаноглу ва ноиби президенти Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ Киёши Кодера суханронӣ намуда, аз ҷумла пешсафии Тоҷикистонро дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола барои дигар кишварҳои рӯ ба рушд ибратбахшу омӯзанда арзёбӣ намуданд. Ба иттилои Ҷаҳан Султаноглу, барои татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аз соли 2000 ба ин сӯ ба Тоҷикистон беш аз 2 миллиард доллари амрикоӣ кӯмаки беруна ҷалб шуд. Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки солҳои охир сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 83 то ба 39 фоиз коҳиш дода шуд. Пешсафии Тоҷикистон дар татбиқи иқдомҳои глобалии «энергетика барои ҳама» ва «иқтисодиёти сабз» махсус таъкид гардид. Зикр гардид, ки дар натиҷаи фаъолияти хуб ҳамоҳангшуда бо шарикони байналмилалии рушд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати соҳаҳои тандурустию маориф ва ба оби тозаи нӯшокӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуд.

Доир ба саҳми шарикони рушд дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, намояндаи доимии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Марша Олив, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон Сусан Еллиот, роҳбари Ҷамъияти байналмилалии Германия дар Тоҷикистон Стефан Эрбер, директори Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба Осиёи Марказӣ ва Муғулистон Масару Хонма суханронӣ намуда, омодагӣ ва ҳавасмандии шарикони рушди Тоҷикистонро ба идома ва густариши дастгирии рушди кишвар таъкид доштанд.

Дар охир Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷанбаҳои гуногуни рушди Тоҷикистонро дар солҳои охир, саҳми шарикони байналмилалӣ ва дурнамои инкишофи кишварро дар се соли оянда мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дод. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шарикони байналмилалии рушдро ба густариши ҳамкории босамар даъват намуда, изҳори боварӣ кард, ки дар натиҷаи он сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон дар се соли оянда 15-20 фоизи дигар баланд мегардад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин аз қарорҳои Конфронси 5-уми байналмилалии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ доир ба Афғонистон (RECCA-5) доир ба Афғонистон, ки имсол дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, ёдовар шуда, иштироки фаъоли шарикони байналмилалии рушдро дар татбиқи амалии лоиҳаҳои минтақавии зербиноӣ, аз ҷумла оид ба пайвастани шабакаҳои барқӣ ва наклиётии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз тариқи Афғонистон кори ҳаётан муҳим номид. Таъкид гардид, ки бо татбиқи босамари чунин ҳадафҳо ҳам мушкилоти ҷории Тоҷикистон ҳал мешавад ва ҳам аз тариқи рушди иҷтимоию иқтисодии Афғонистон ба таҳкими амну субот дар ин кишвари азияткашида ва кулли минтақа мусоидати фаъол кардан имкон дорад.

●Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# НОМИ БАЪЗЕ МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ТАҒЙИР МЕЁБАД

**10 декабри соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Бахтиёр Худоёров ҷаласа доир гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифтанд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Носири Хусрав», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шаҳритус», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии



Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шӯрообод», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ», Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон».

Вобаста ба масъалаҳои мазкур дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум»*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

# МАСЪАЛАҲОИ МАВРИДИ МУҲОКИМА ҶОНИБДОРӢ ЁФТАНД



**11 декабри соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Мамадшо Илолов ҷаласа доир гашт.**

Дар ҷаласа масъалаҳои мазкур - «Доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», «Доир ба пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Носири Хусрав», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шаҳритус», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шӯрообод», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Доир ба масъалаҳои мавриди муҳокима раиси Кумита Мамадшо Илолов маълумоти муфассал дод. Аъзои Кумита М. Сатторова, Ҷ. Кенҷекулова, И. Абдуллоев, Т. Қарабоев дар муҳокимаи масъалаҳои мазкур иштирок намуданд.

Вобаста ба масъалаҳои рӯзнома дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум»*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

**Дар як маҷлиси машваратии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ғончӣ бо иштироки ёрдамчии калони прокурори вилояти Суғд Саидмухтор Саидов, муовини раиси ноҳия Зебунисо Азимова, иҷрокунандаи вазифаи прокурори ноҳия Равшаной Юлдошева, дигар кормандони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шӯроҳои занону ҷавонон, сархатибони масоҷиди ҷомеъ ва панҷвақта, омӯзгорону толибилмони макотибу литсейҳо вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дар ноҳия мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таҳлили иҷрокунандаи вазифаи прокурори ноҳия Равшаной Юлдошева оид ба вазъи масъалаи мазкур, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, ҳодисаҳои номатлуби худкушӣ, авбошӣ, қаллобӣ, шомил гардидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ва ғайра хеле ҷолиб буд. Номбурда бо овардани далелу рақамҳо аз ҳозирин хоҳиш ба амал меовард, ки дар кори пешгирии чунин амалҳои номатлуб муттаҳиду сарҷамъ бошанд, ба таъмини иҷрои қонунҳо ва волоияти онҳо мусоидат намоянд.**

● 14 декабр- Рӯзи кормандони прокуратураи Тоҷикистон

# ХАЙРХОҲ ВА АДОЛАТПЕША



Аз оғози соли 2000-ум, аз замони дар шаҳри Истаравшан ёрдамчии калони прокурори шаҳр шуда кор карданаш ӯро хуб мешиносам. Медонам, ки зиёда аз 20 сол боз маҳз дар мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ кору фаъолият дорад. Ӯ дар шаҳри Истаравшан ҳам бо мардум наздик буд, дар байни мардум кор мебурд ва ҳамеша баҳри пойдории адолат кӯшиш ба харҷ медод.

Равшаной Юлдошева хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Ӯро соли 2004 прокурори калони шуъбаи назорат аз болои қарорҳои суд бо парвандаҳои ҷиноятии прокуратураи вилояти Суғд таъин карданд. Аз соли 2007 дар ноҳияи Ғончӣ, аввал ба ҳайси ёрдамчии калони прокурори ноҳия ва имрӯз ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи прокурори ноҳия, ифои вазифа менамояд.

- Дар ноҳия Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро прокурори ноҳия сарварӣ мекунад. Айни ҳол ин Шӯроро Равшаной Ҳомидовна сарварӣ карда истодаанд. Мо тӯли ин муддат масъалаҳои мубрами зиёдро, аз қабили таъмини иҷрои қонунҳои амалкунанда, пешгирии ҳодисоти номатлуби худкушӣ ва сӯиқасд ба худкушӣ, пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор дода, барои аз байн бурдани камбудию нуқсонҳо дар ин самтҳо қарорҳои дахлдор қабул кардаем, -мегӯяд сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳия, подполковники милитсия Саидраҳмон Туманов. - Равшаной Ҳомидовна дар аксари ҷамъомадҳои ҳайати шахсии мо иштирок мекунанд. Ба кормандони ҷавон на ҳамчун прокурор, балки ҳамчун модари дар зиндагӣ таҷрибаи зиёд андӯхта муносибат намуда, панду насиҳат менамоянд ва ба ҳамин минвол ба дили ҳар як корманди милитсия роҳ ёфтаанд. Ба назари ман, агар сафи кормандони мақомоти прокуратура аз ҳисоби чунин занони ғамхору дилсӯз нисбат ба кор ҳар қадар зиёд гардад, ҳамон андоза ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

-Равшаной Ҳомидовна бо воситаҳои ахбори омма низ ҳамкории зич дорад. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ оид ба пешгирии ҷинояту ҷиноятқорӣ, мубориза бар зидди онҳо мақолаҳо чоп мекунад. Тавассути радиои маҳаллӣ ва телевизиони вилояти Суғд оид ба масъалаҳои мубрами рӯз баромадҳо мекунад. Муҳимаш ин, ки ӯ заҳмати воситаҳои ахбори омма ва рӯзноманигоронро қадрдонӣ менамояд, - мегӯяд рӯзноманигор Эгамназари Соҳибназар.

-Фаъолияти мақомоти прокуратура дар ноҳия дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», амру фармонҳои Сарвари давлат, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст,- гуфт дар суҳбат Равшаной Юлдошева ва илова намуд: -Фаъолияти мақомоти прокуратура дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон беҳтару ҷонноктар шуд, зеро интишор гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 апрели соли 2001 «Дар бораи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ» ва тасдиқ шудани низомномаи он масъулияти прокуроронро дар ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди ҷиноятқориву ҳуқуқвайронкуниҳо боз ҳам баланд бардошт. Ҳамкории дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо прокуратура дар роҳи мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккил, нашъамандӣ, терроризм ва экстремизми динӣ пурзӯр гардид.

- Бештар кадом масъалаҳои мубрам дар ноҳия ҳалли худро меҳоҳанд?,- пурсон мешавам ман.

- Албатта, дар самти фаъолияти мо ҳанӯз камбудиҳо зиёданд, вале камбудии аз ҳама асосӣ ин паст будани сатҳи дониши ҳуқуқии аксари мардум, хоса занон, аст. Аз ин рӯ, зимни мулоқотҳо бо аҳолӣ бештар ба ин масъала диққат зоҳир мекунем. Агарчӣ ноҳияи Ғончӣ дорои замини зиёд бошад ҳам, қисмати зиёди он ба категорияи заминҳои лалмӣ мансуб аст. Ин шаҳодат медиҳад, ки ноҳия аз об танқисӣ мекашад. Бинобар ин, ҷанҷоли замин ва тақсимоти ноодилонаи он байни саҳмдорон бештар вомехӯрад. Ҳодисоти бекоршавии ақди никоҳ ва костагии ахлоқ дар байни ҷавонон низ аз масъалаҳои ҳалталаб аст, ки якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда истодаем. Прокуратураи ноҳия кӯшиш ба харҷ хоҳад дод, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо таъмин гардад.

*Ҳусейни НАЗРУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

● Дар мавзуи муҳим

# Нақби «Шаҳристон» ифтитоҳ ёфт

## Минбаъд муҳлати сафар кӯтоҳ, интиқоли молу маҳсулот зиёд, сӯзишворӣ сарфа мешавад

**Ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як саҳифаи рангину фаромӯшношуданӣ боз намуд. Нақби «Шаҳристон» аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. Дар ин бора зимни тантанаҳои бахшида ба ин воқеаи муҳим баргузоршуда фикрҳо баён ёфтанд. Мо мусоҳибаи хабарнигори рӯзномаро бо яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи роҳсозӣ, директори техникии Ширкати саҳомии IRS, академики Академияи байналмилалии нақлиёт, номзади илмҳои иқтисодӣ Абдумаҷид Шарифов пешкаши хонандагон мегардонем.**

**-Шумо шоҳиди ин воқеаи муҳими таърихӣ будед ва ҳамчун мутахассис аз он таассуроти хоса бардоштед…**

-Бале, ин воқеа на танҳо барои мо-роҳсозон, балки тамоми мардуми Тоҷикистон муҳим ва таърихист. Санаи 27 октябри соли 2012, ки он рӯз бо иштироки Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нақби «Шаҳристон» ифтитоҳ ёфт, дар саҳифаи таърихи кишварамон бо хатҳои зарин сабт меёбад. Дарозии ин нақб 5 километру 253 метрро ташкил медиҳад. То ба истифода додани он нақлиёт тавассути ағбаи «Шаҳристон» масофаи 23 километрро, бо роҳҳои каҷу килеби кӯҳӣ ва пурхавфу хатар тай мекард. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ин мавзеъ барои рафтуои мошинҳо хеле вазнин буд. Аз ин ағба мошинҳои сабукрав фасли тобистон дар муддати якуним соат, фасли зимистон се- чор соат, мошинҳои боркаш бошад, айёми сармо ва боришоти барф баъзан то як ҳафта ва даҳ рӯз гузар мекарданд. Тасаввур кунед, ки ташвишу азоби ронандагону мусофирон, сарфаи зиёди вақт, сӯзишворӣ, техника чӣ қадар зиёд буд ва хушбахтона, акнун ҳамаи инҳо бартараф шуд. Муҳимтар аз ҳама, тавре Ҷаноби Олӣ зимни суханрониашон дар варзишгоҳи шаҳри Истаравшан махсус зикр карданд : «Ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» ва ба ин васила ба марҳалаи ниҳоӣ расидани бунёди шоҳроҳи бузурги Душанбе-Чанак дар самти амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон, яъне раҳоӣ бахшидани кишварамон аз бунбасти коммуникатсионӣ беҳтарин тухфа барои тамоми мардуми тоҷик аст». Манфиати ин кор хеле зиёд аст ва ман, ҳамчун мутахассиси соҳа, мехостам пеш аз ҳама доир ба аҳамияти иқтисодии он чанд андешаҳоямро баён кунам.

Ҳоло мошинҳои сабукрав роҳи ағбаи «Шаҳристон»-ро тавассути нақб дар панҷ дақиқа, мошинҳои боркаш бошад, дар даҳ дақиқа тай мекунанд. Бо кушодашавии нақб суръати гардиши бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли тобистон чор-панҷ соат зиёд шуда, гардиши мусофирон бошад, ду-се соатро ташкил мекунад. Акнун он вақте, ки аз ҳисоби кӯтоҳ шудани роҳ сарфа мешавад, метавонад барои анҷоми дигар корҳо истифода гардад. Гардиши бор, албатта, ҳам ба шахси инфиродӣ, ҳам ба соҳибкор ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мегузорад. Фарз кардем шахсе, ки барои анҷоми коре аз Душанбе ба Хуҷанд сафар мекунад, дар масофаи 23 километр (роҳи ағба), агар пештар панҷ литр бензин сарф мекард, ҳоло вай аз тариқи нақб ҳаракат карда, ҳамагӣ то як литр сӯзишворӣ сарф мекунад. Маблағи чор-панҷ литр сӯзишвории акнун сарфашуда фоидаи софи ронандаро ташкил менамояд. Кайфияти ҳоли ронанда ва ё мусофире, ки акнун тариқи нақб сафар мекунад, тарафи дигари масъала аст. То ин дам, ҳангоми тавассути ағба рафтан аз роҳи пурпечутоб, дидани сангрезаю ҷариҳои бетаг, ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ ва дигар чизҳо хоҳ- нохоҳ ба онҳо таъсири руҳӣ мерасонд. Инчунин дар баландии 3-3,5 километр саломатии баъзе ашхос бад мешуд. Илова бар ин, дар чунин роҳҳо ҳолатҳои хӯрдашавии қисмҳои автомобил зиёдтар ба амал меомад. Акнун бо мавриди истифода шудани нақб ин масъалаҳо ҳалли худро ёфт ва кафолати таъмини амнияти иштирокчиёни ҳаракати нақлиёт низ беҳтар шуд. Бинобар тақозои иҷрои вазифа мо мунтазам бо ин роҳ ҳаракат мекунем. Пештар мо то шаҳри Хуҷанд тӯли панҷ соат мерасидем, ҳоло вақти тайкарда то маркази вилояти Суғд ду соат кам шуд. Ҳоло мошинҳои боркаш дар як рӯз метавонанд борро аз Душанбе то Хуҷанд расонанд, ки пеш чунин имкон набуд. Ин мусоидат мекунад, ки молу маҳсулот сари вақт расида , ҳамзамон сӯзишворӣ сарфа шавад.

**-Дар ин бобат, албатта, кори шумо низ акнун хеле осон мешавад. Ман дар назар дорам кормандони Ширкати саҳомии IRS-ро, ки нигоҳдорию назорати роҳро ба зимма доранд.**

-Албатта. Ба ёд орем зимистони соли гузаштаро. Ҳолати зиёде воқеъ шуда буд, ки дар ағбаи Шаҳристон мошинҳо ҳафтаҳо меистоданд. Барои роҳи ағбаро кушодан мо ба ёрии роҳсозону таъмиргарони Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мерафтем ва барои бартараф кардани мушкилот неруи зиёди инсонӣ, техника ва сӯзишворӣ сарф мешуд. Бо вуҷуди сафарбарии техникаю мутахассисон, зимистон кори худро мекард ва ҳар рӯз монеаҳои нав эҷод мешуд. Акнун, сарфи назар аз ҳавои сарду сербориш, имкон ба амал омад, ки ҳаракати мунтазами нақлиёт тавассути нақб таъмин шавад.

**-Бо кушодани нақби «Шаҳристон» кори бузург анҷом ёфт ва орзуи деринаи мардум амалӣ гардид. Акнун ҳаракати нақлиёт ҳам афзоиш ёфта, роҳ низ ба нигоҳубини ҳар чӣ зиёдтар ниёз дорад. Дар ин робита мехостам оид ба нақшаи фаъолияти ширкат чанд сухан гӯед.**

-Вобаста ба ин, аввал мехостам як чизро ёдовар шавам. Соли 2009 роҳи Душанбе-Чанак, ки масофааш 368 километрро дар бар мегирад, ба ғайр аз нақби «Шаҳристон»-у «Истиқлол», ба истифода дода шуда буд. Дар яке аз мусоҳибаҳои пештар гуфта будам, ки ҳангоми таҷдиди ин роҳ ба хатоиҳо роҳ дода шуда буд. Қоидаи роҳ чунин аст, ки баъди ба истифода додани роҳ камбудиҳои он каме дертар, баъди як-ду сол маълум мешавад. Ҳоло, баъд аз гузашти се сол камбудиҳо аён гардид ва ислоҳи ин хатоҳо акнун ба дӯши кормандони ширкати мо афтид. Мо



аз ҳисоби маблағҳои ширкат кори зиёдеро барои ислоҳи камбудиҳо анҷом додем. Масалан, дар ноҳияи Айнӣ имсол зиёда аз 3,5 ҳазор метри квадратӣ таъмири роҳро ба иҷро расонида, зиёда аз 500 метр монеаҳои бехатарии ҳаракати нақлиёт (онро парапед мегӯянд) сохтем, аломатҳои зиёди роҳро шинондем, канори роҳҳоро аз сангу шағалҳое, ки мерехтанд, ҳамарӯза тоза кардем ва мекунем, то ин ки ба ҳаракати мунтазами нақлиёт халал нарасонад. Тибқи таҷрибаи роҳдорӣ, дар ҳар 25 километр бояд мавзее бошад, ки барои нигоҳубини роҳ дар он тамоми шароит муҳайё гардонида шавад, яъне, ҷойи зисти коргарон, таваққуфгоҳи мошину механизмҳо ва ғайра. Лекин ҳангоми сохтмони роҳ ҳамин чизҳо ба назар гирифта нашуда, сохтори роҳро то ба охир пурра накарданд. Тавре маълум аст, Ширкати саҳомии IRS дар муддати сӣ сол нигоҳубини ин роҳро бар уҳда гирифтааст. Бар зарари ширкат ҳам бошад, ҳоло мо инфраструктураҳои лозимаро сохта истодаем. Дар вақти сохтмон ҳамзамон иншооти сунъие, ки мавҷуд буданд, бояд таҷдид мегардид. Баъзе иншооти сунъиро сохтанд, лекин он иншооте, ки таъмирталаб буд, аз мадди назар дур шудааст. Масалан, мо дар километри 247-ум як кӯпрукеро, ки сутунҳояш корношоям гардида буд, ба маблағи 270 ҳазор сомонӣ, дар километри 267-ум бошад, кӯпрукро ба маблағи 530 ҳазор сомонӣ таъмир кардем. Ин дар ҳолест, ки ширкат танҳо уҳдадории нигоҳдории роҳро бар зимма гирифтааст. Агар мо ин камбудиҳоеро, ки номбар кардам, имрӯз бартараф накунем, фардо барои иҷрои чунин кор миллионҳо сомонӣ зарур мешавад. Ҳамин гуна камбудӣ хеле зиёд аст ва онро аз маблағҳое, ки ҷамъоварӣ мешаванд, бо роҳбарият мувофиқа карда, барои ислоҳи онҳо ва пешгирии зарарҳои калон тадбирҳо андешида, ба сомон расонида истодаем.

**-Яъне, ин аз ҷумлаи омодагиҳои шумо ба зимистони пешистода мебошад. Барои омодагӣ ба фасли зимистон боз чӣ тадбирҳо андешида шуд?**

-Бо дилпурӣ метавонам гӯям, ки ба зимистон мо омодаем. Зиёда аз 4,5 ҳазор кубометр маводи зиддилағжиш тайёр шудааст. Дар километрҳои 10, 33, 54, 62, 72, 86, 130 ,160, 180-ум, хулоса то охири роҳ дар ҳар 15 то 30 километр ҷойҳои исти мошину механизмҳо ва коргаронро ташкил кардем, ки бо тамоми ашёи зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст ва ҳангоми боридани барф ва ё тармафароӣ роҳро фавран тоза мекунем. Фармони ширкат оид ба навбатдории шабонарӯзӣ оғоз аз якуми ноябри соли ҷорӣ то 1 майи соли 2013 содир шуд. Яъне, кормандони мо бо техникаю механизмҳои зарурӣ шабонарӯз роҳро назорат ва нигоҳубин мекунанд. Роҳбарони гурӯҳҳои навбатдор давоми ҳар ду соат ба марказ маълумот пешниҳод мекунанд. Мо ният дорем, ки боз як базаи худро дар ин роҳ бунёд кунем. Плазаҳои толингие, ки дар километри даҳум воқеъ аст, бинобар сабаби он ки гузариши мошинҳо зиёд шудааст, васеътар мекунем. Ҳоло дар ҳар як самт ду қаторӣ роҳ аст, дар километри 15-ум ҷой ҷудо кардем ва ҳар самти роҳро чор қаторӣ хоҳем намуд. Дар ин ҳолат бозистии мошинҳо хеле кам мешавад.

*Мусоҳиб*
*Бурҳониддин КАРИМЗОДА,*
*«Садои мардум»*

● Ба ифтихори 100-солагии Сотим Улуғзода

# СОТИМ УЛУҒЗОДА: «ДУХТАРОНРО ХОНОНЕД, БИГЗОР КАСБЕВУ ҲУНАРЕ ОМӮЗАНД»

**Ба муносибати 90-солагии устод Сотим Улуғзода дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 30-юми ноябри соли 2002 ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Дар он Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 мукофотонида шудани устод қироат шуд. Аз сабаби он ки фарзандони Сотим Улуғзода дар ин бузургдошти нависанда ҳузур надоштанд, орден ба Ҷалолхон Мурватов, ҳамчун хеши наздики адиби мумтоз, супурда шуд. Дар ин ҳамоиш аз ҳамшаҳриёни устод Сотим Улуғзода якчанд нафари дигар низ ҳузур доштанд. Баъди қариб даҳ соли ин, яъне моҳи апрели соли 2012, аз Замоналӣ Қурбонов, олими шинохтаи соҳаи иқтисодиёт, шунидам, ки хеши аз ҳама наздиктарини нависандаи забардасти тоҷик Сотим Улуғзода сокини шаҳри Душанбе Махсудахон Маҳмудхонова будаанд. Тасмим гирифтам бо ин бону, ки шояд аз наздик бо устод борҳо ҳамсуҳбат шуда бошад, мусоҳибае анҷом бахшам.**



**- Хеш будани шумо ба устод Сотим Улуғзода чӣ далелу бурҳоне дорад?**

- Мо бо устод Сотим Улуғзода амакзодаем. Яъне, падари устод бо бобои ман бародаранд аз як падару модар. Аз бобокалонамон Сотимхон, ба қавли апаам Зиёдахон, ду писар ба дунё омадааст, яке Улуғхон-падари Сотим Улуғзода ва дигаре Муродхон, бобои ман. Аз Муродхон фарзандон Ҳоҷихон, Маҳмудхон, Аъзамхон ва Собитхон чашм ба олами ҳастӣ кушодаанд. Аз Маҳмудхон духтарон-Зиёдахон, Хосиятхон, Саломатхон, додарам Шарофхон ва ман - Махсудахон ба ёдгор мондем. Аз Улуғхон Азизхон, Сотимхон-адиби оянда ва Мухторхон ба дунё омадаанд.

**- Аз гуфти шумо маълум мешавад, ки ба устод Сотим Улуғзода номи бобояшонро гузоштаанд?**

- Бале, бобояшон Сотимхон ном доштаанд. Инро ба ман падарам ва апаам Зиёдахон гуфта буданд.

**-Варзик деҳаи бузургест, устод дар кадом кӯча таваллуд ёфтаанд?**

-Варзик зиёда аз даҳ маҳалла дорад, аз қабили Қалъа, Таги Пилол, Теппа, Майдон, Тахтакӯпрук, Калтачинор, Сиёб (шояд аз номи ҷӯйбори Сиёҳоб, ки аз зери дарахтони ғулии сояафкан мегузарад ва обаш ба чашм сиёҳ метобаду дар асл софу ширин аст, гирифта шуда бошад), Маҳаллаи Боло, Шағаласун, Қӯйтош, Подаҷо, кӯчаи Варзигон (роҳе, ки ба сӯйи деҳаи Варзигон мебарад, маҳаллаи нисбатан нав) ва ғайра.

Нависандаи бузург дар маҳаллаи Янгичаг, наздикии Сари Қалъа, ба дунё омадаанд.

**-Оё имрӯз хонае, ки дар он устоди арҷманд таваллуд ёфтаанд, пойбарҷост ва агар ҳамин тавр бошад, дар он кӣ ҳаёт ба сар мебарад?**

-Ҳавлӣ ва хонаҳои бобокалонҳоям Улуғхону Муродхон, яъне падару амаки устод Сотим Улуғзода пойбарҷоянд, танҳо бо мурури вақту талаби айём таъмиру бозсозӣ шудаанд. Аммо аз сабаби камии замин, васеъ нагаштаанд.

Дар ҳавлӣ пайвандони устод зиндагӣ доранд, хона ба дасти бегона наафтодааст. Набераам Фарангис ба Улуғхон, набераи амакам Собитхон ба шавҳар баромада, дар хонае, ки устод чашм ба дунёи рӯшан кушодаанд, ҳаёт ба сар мебарад. Умуман, ҳавлии адиб дар дасти амакзодаҳои устод -Собитхону Аъзамхонанд.

**- Шумо ба устоди азиз кӣ гуфта мурочиат мекардед?**

-Аввал бо дархости падарам калондадову баъдтар бобоҷон мегуфтам. Бобоҷонамон дар хурдсолии мо ба Варзик бисёр меомаданд. Суҳбатҳои мо танҳо аз ҳолпурсӣ ва аз рафти хониш буд. Пайваста таъкид медоштанд, ки хонем. Ба падарам мегуфтанд: «Маҳмудхон, духтаронро хононед, бигзор касбеву ҳунаре омӯзанд». Аммо хоҷаҳо барои ба мактаби олӣ рафтани духтарон ҳавасманд набуданд. Вақте ки соли 1966 ба шавҳар баромада, сокини шаҳри Душанбе шудам, маро хабар мегирифтанд. Худашон ба хонаи мо наоянд ҳам, вақте ба хонаи Ваҳҳобҷон-амак ё Ҷамолхон-амак (ёди ҳар ду ба хайр) меҳмон мешуданд, ҳатман кас фиристонда, аз омаданашон дарак медоданд. Хушдоманам Шарофаточа мегуфтанд: «Тайёр шавед, бобоятон Улуғзода кас мондаанд, ба хонаи Ваҳҳобҷон меравем». Ваҳҳобҷон-амак Иномов, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, раиси вақти ноҳияи Сталинобод, Ҷамолхон Мурватов олим, номзади илми филология аз хешони модарии бобоям Улуғзода ба ҳисоб мерафтанд ва дар хонаи Ваҳҳобҷон-амак зуд-зуд меҳмон мешуданд. Модари Ҷамолхон-амак Гулшанхоноя, духтари холаи бобоям Улуғзода будаанд, ба ман ҳамин тавр гуфта буданд апаам Зиёдахон, яъне бародарон Ҷамолхону Ҷалолхон, номзади илми байторӣ, омӯзгори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз хешони модарӣ, мо аз ақрабои падарии устод Улуғзодаем.

Як ҳафта пеш устод ба хобам даромаданд, шаби ҳамон рӯзе, ки ба ман гуфтанд, ки шумо бо ман дар бобати зодагону пайвандони бобоям Улуғзода суҳбат кардан хостаед. Замин бо хости Парвардигор худро бегона намекардааст. Пайваста аз гузашта хабар мeораду хабар мебарад. Хоб дидам, ки ба аёдаташон рафтаам, ба китфи васею тавонояшон сар монда, гиристаам ва мегуфтаам, ки бобоҷон, чӣ ҳол доред? Устод сарамро падарвор сила мекарданду дар ҷавоб чизе намегуфтанд.

**- Устод Улуғзода дар Варзик бештар бо киҳо ҳамнишин буданд?**

- Бо падарам ва амакҳоям, бо рафиқи ҳамсабақашон Соҳиб Ёқуб, ки чил сол дар як мактаби деҳа муаллими забону адабиёти тоҷик буданд, ҳамчунин бо Сотим Қосим, Ҳакимҷон Абдуллоев, Ҳасанбой Шаҳобов, Юсуф Мисгар, Тӯйчӣ-полвон Ашӯрматов, Ҷунайдулло Охунов ва дигарон, ки ҳама аз ин дунёи фонӣ рахти сафар бастаанд, ҳамсуҳбат буданд. Юсуф Мисгар раиси Ҷамоати деҳоти Варзик буд. Файзуллохон-амаку Зуннун-амак, хешони модарии бобоям Улуғзода, низ ҳамеша бо устод буданду аз ҳолашон хабар мегирифтанд. Як додари Файзуллохон-амак дар деҳаи Шокафтари Қирғизистон, ки ба Варзик наздик аст, хонаву дар доштанд. Шокафтар ҷойи бисёр зебо, ба мисли Варзобдараи мо серобу серсоя, сояи дарахтони санҷидаш хушнакҳат, ҳавояш сабук. Бобоям Улуғзода дар хонаи ҳамин хешашон бисёр истода, асар эҷод мекардаанд.

**- Пайвандони устод Улуғзодаро ба ғайр аз шаҳри Душанбеву деҳаи Варзик боз дар куҷо пайдо кардан мумкин?**

- Дар шаҳрҳои Тошканду Чуст, деҳаҳои Канон, Ғаво, Ёрқишлоқ, Қароқӯрғон хешону пайвандони модариву падарии устод Сотим Улуғзода зиёданд. Яке аз хешони модариашон ориф, рӯҳонии аҳли тасаввуф Яланғочтӯра, ки донишманди бузург, таркидунёкарда мегуфтанд, дар Тошканд хонақоҳ доштанд. Дар маҳаллае, ки хонақоҳ он ҷост, хешону пайвандони устод Сотим Улуғзода аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд.

**- Аз тақдири минбаъдаи Мухторхон, додари устод Улуғзода, чӣ хабаре доред?**

- Баъди мутолиаи «Субҳи ҷавонии мо» фаҳмидам, ки бобоям додаре доштаанд. Куҷо будани ӯро аз падар пурсидам. Қиблагоҳӣ дар посух гуфтанд: «Вақте ки Сотимхон (Сотим Улуғзода) ба хондан Тошканд рафт, Мухторхон ғамбемор шуд, падару модар ва акаи калониаш Азизхонро кам дар ёд дошт, вале пайваста Сотимхонро мепурсид, кай меояд гуфта ғаш мекард. Худаш ҳам аз хурдӣ бисёр беқувват буду ба ятимӣ тоб наоварда, дар дасти бобоят Муродхон чашм аз олам пӯшид».

**- «Субҳи ҷавонии мо»-ро кай хондед?**

- Соли 1972 буд ё 1973, дар як дидорбинӣ бобоям Улуғзода худашон туҳфа карданд.

**- Дар бораи Азизхон, писари устод Улуғзода, дар суҳбатҳои хонагӣ чӣ мегуфтанд?**

- Ин аз мавзуъҳои мамнуъ буд. Касе ҷуръати даҳон кушодан надошт дар пеши устоди сухан. Аммо дар Варзик боре ба падарам гуфтанд: «Ако, чаро аз бобати Азизхон намепурсед?». Падарам сархам хомӯш нишастанд ва баъди андаке лаб кушоданд: «Хости Парвардигор будааст, аз дасти бандааш ба ғайр аз сабр чӣ ҳам меояд, сабур бояд буд, ки оянда чӣ хоҳад шуд».

**- Бо хешони тошкандӣ устод робитаи қавӣ доштанд?**

- То андозае, ки ман воқифам, баъди ба шаҳри Душанбе омадан, махсус ба Тошканд ба назди пайвандонашон ба дидорбинӣ нарафтаанд. Мегӯянд, ки бо кадом сабабе дилмонда шудаанд. Аз чӣ боис бошад, намедонам.

**- Вақте ки бо устод вомехӯрдед, ба ғайри варзикиён боз аз ҳоли кӣ мепурсиданд?**

- Ҳамеша аз зиндагии Убайдуллохон-амаки Чустӣ ҷӯё мешуданд. Мегуфтанд, ки вай амакзодаам аст. Аз Убайдуллохон-амак фарзанде ба ёдгор намондааст.

**- Дидори охирин бо устод кай буд?**

- Соли 1973 дар хонаи Ваҳҳобҷон-амак даҳ дақиқа суҳбат доштем. Аз ҳама воқеаҳои нави Варзик гап задам. Ҳамсуҳбатро хеле ором гӯш мекарданд. Ба пурсишҳояшон посух додам. Ҳар як хешу табор ва рафиқонашонро ном ба ном гирифта, ҳол мепурсиданд. Аз вазъи мактабу китобхонаҳо ҷӯё мешуданд. Вақте фаҳмиданд, ки шумораи мактабҳо ба чор расидааст, хушҳол шуданд.

**- Варзику варзикиён устодро ёд доранд?**

- Албатта, охир модар магар фарзандро аз ёд мебарорад? Не. Варзик ба шарофати фарзанди накуномаш вирди забонҳо гашт, номаш ба олам баромад, як деҳаи хурди кӯҳӣ мисли шаҳрҳои бузург маъруф шуд.

**- Имрӯз Варзик чӣ қадар аҳолӣ дорад?**

- Мувофиқи маълумоти омори шаҳри Чуст, соли 2011 шумораи сокинони деҳаи Варзик ба 21 ҳазор нафар расидааст.

**- Ба номи устод Сотим Улуғзода дар деҳаи Варзик мактабе ё китобхонае гузошта шудааст?**

- Мутаассифона, дар ин бобат коре сомон наёфтааст, шояд ҳукумат ташаббусеро аз ҷониби аҳолӣ нигарон аст. Эҳтимол дарояндаҳои наздик ин ҷойи холӣ пур шавад. Дунё ба умед, гуфтаанд ниёгонамон ва мо низ ба ин бовар дорем.

***Қурбон МАДАЛИЕВ,***
***рӯзноманигор***

# БАРНОМАИ НАВ БАРОИ МАЪЮБОН

Чанде пеш дар шаҳри Душанбе бо ибтикори Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо ва дастгирии Дафтари Швейтсарӣ оид ба безарарсозии минаҳо ва Барномаи рушди СММ вохӯрии гуруҳи корӣ доир ба кӯмаки зарардидагон аз мина ва дигар лавозимоти тарканда, шахсони дорои имкониятaшон маҳдуд баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ намояндагони Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату ташкилот, муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ иштирок доштанд.

Дар он масъалаҳои такмили фаъолияти созмону ташкилотҳои мададрасон дар давраи солҳои 2013-2015, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аъзои гуруҳи кории техникӣ доир ба кӯмаки зарардидагон аз мина ва дигар лавозимоти тарканда пешниҳод намуданд, ки дар давраи солҳои 2013-2015 шумораи тамоми маъюбон ба қайд гирифта шаванд, зеро масъалаи зарардидагон аз мина ва дигар лавозимоти тарканда бояд ҷузъи барномаи масоили маъюбон дониста шавад.

Зимни татбиқи ин барнома ба масъалаи беҳтар гаштани шароити маъюбон ҷиҳати дастрасӣ ба истифодаи имконоти кору зиндагӣ, хизматрасонии тиббӣ, таълимию фарҳангӣ афзалияти бештар дода хоҳад шуд.

-Бо ин мақсад дар шаҳри Душанбе азнавсозии якчанд бино пешбинӣ шудааст, ки вобаста бо шароити маҳал мутобиқи талаботи Конвенсияи СММ доир ба ҳуқуқи маъюбон муҷаҳҳаз гардонда мешаванд,- гуфт дар суҳбат ҳамоҳангсози Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо Райҳон Муъминова. Онҳо метавонанд бе мушкилӣ аз чунин ҷойҳои ҷамъиятӣ истифода баранд. Дар назар аст, ки соли 2013 ба татбиқи ин барнома оғоз менамоянд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3467/ 3-801 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Шабакаҳои муҳандисии берунаи барқӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3468/ 3-802 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3469/ 3-800 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои ободонӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3465/ 1-1698 | Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 4 | 18.12.2012 соати $11^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррargардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №3334/1-1609, 3335/1-1610, 3336/1-1611, 3337/1-1612, 3338/1-1613, 3343/1-1618, 3345/1-1620, 3349/1-1621, 3352/1-1624, 3353/1-1625, 3354/1-1626, 3356/1-1628, 3357/1-1629, 3358/1-1630, 3359/1-1631, 3360/1-1617, 3366/1-1632, 3346/2-897, 3367/2-898, 3368/2-899, 3369/2-900, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 4 декабри соли 2012 таҳти № 148 (2975) нашр шудаанд, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 25 декабри соли 2012, 19 декабри соли 2012 хонда шаванд.

Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3352/1-1625, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 4 декабри соли 2012 таҳти № 148 (2975) нашр шудааст, эътибор надорад.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроғаи корхона: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефон: 221-73-74, факс: 221-49-87.**

### Музоядаи англисии № 2/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд

Ба музояда 100 фоиз саҳмияҳои ҶСК «Тамокубарори Душанбе» дар 1 лот бо нархи ибтидоии 3 000 000 сомонӣ бароварда мешавад.

Суроғаи ҷамъияти саҳомӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман 31. Теъдоди саҳмияҳо ҳамагӣ дар 1 лот - 1528 дона. Намуди фаъолияти корхона: коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тамоку. Қарзҳои кредитории ҶСК 21053595 сомонӣ.

Музояда 14 январи соли 2013 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи: хиёбони Рӯдакӣ 44 барпо мегардад. Барои иштирок шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда, як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо» ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатии фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд. Барои бақайдгирӣ дар музояда иштиркочиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ дар рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳ/м. 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

**ЭЗОҲ:** КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Расположенный по адресу: город Душанбе, проспект Рудаки 44, тел: 221-73-74, факс 221-49-87.**

### Объявляет английский аукцион №2/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)

На торги выставляются 100 процентов акции Открытого акционерного общества «Тамокубарори Душанбе» в 1 -ом лоте со стартовой стоимостью 3 000 000 сомони.

Место расположения: город Душанбе, улица Телмана 31. Количество акций всего в 1 лоте составляет 1528 штук. Вид деятельности предприятия: разработка и производство табачного изделия. Кредиторская задолженность ОАО 21053595 сомони.

Аукцион состоится 14 января 2013 года $10^{00}$ часов в городе Душанбе по адресу: проспект Рудаки 44. Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона. Аукцион проводится в соответствии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий, акции которых выставляют на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44. и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет: 20202972710600000929. к/сч. 20402972413691. БИК 350101369. ИНН 020015226 филиал «Ориёнбанка» района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лота. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можно получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**ПРИМЕЧАНИЕ:** ГУП по организации продаж госимущества не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.




## ЭЪЛОН

Иҷрочии Суди иқтисодии вилояти Хатлон санаи 20 декабри соли 2012 соати $10^{00}$ музоядаи (аукцион) фурӯши амволи ҳабсшудаи Кооперативи истеҳсолии «Яҳё»-и ноҳияи Ёвонро, ки аз маҳсулоти хоми пахтаи ҳосили соли 2012 навъи якум иборат буда, нархи ибтидоии амволи ҳабсшуда 530 доллари ИМА мебошад (ҳар як тоннааш), ба миқдори 50 тонна баргузор менамояд.

Пешпардохт барои иштирок дар музояда - панҷ фоиз аз нархи ибтидоӣ.

Телефон барои маълумот: шаҳри Қӯрғонтеппа **(83222) 3-19-09**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи хатми синфи ҳаштуми №656617-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №60-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1985 ба Азимҷонов Юнус Зоҳирович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи бақайдгирии № 1167-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1974 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи К. Хуҷандӣ №3 ба Артихолов Собиржон ва Артихолов Нишонбой додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли А №235902-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №203-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло Гимназия барои бачагони лаёқатманди ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1997 ба Бердиев Ҳоҷимурод Саидхуҷаевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯйии №41-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2003 ба Ятимов Бобохон Сулаймонович додааст, эътибор надорад.

***

Роҳхати №08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2012 ба Каримов Абдуаҳад Қурбонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Саломов Абдулазиз Абдукаримович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0046979 бо РМА 075108358 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 13 октябри соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 12 декабри соли 2012, соати 18.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдори шумора
Т. Неккадамов

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова